«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, н.и.т., д.и.п., Шоҳиён Н.Н.
_______________________________
“ ____” ____________________2020

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон таҳти унвони «Хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии эҷодиёти Меҳринисо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ба анҷом расидааст.

Усмониён Нозила Усмон соли 2017 факултети забонҳои Донишгоҳи давлати Данғараро бо ихтисоси омӯзгори забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хатм намудааст. Солҳои 2017-2020 дар шуъбаи аспирантураи донишгоҳи мазкур таҳсил намудааст.

Роҳбари илмии аспирант доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 05.02.2019, суратмаҷлиси№7 тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (забони хориҷӣ аз 20.02.2020 бо баҳои«аъло», таърих ва фалсафаи илм аз 24.04.2020 бо баҳои«хуб») аз тарафи Донишгоҳи давлатии Данғара дода шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба таҳқиқи афкори назарӣ-адабӣ ва интиқодии «Хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии эҷодиёти Меҳринисо» бахшида шуда, дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ таълиф ёфтааст. Рисолаи мазкур дар сатҳи баланд таълиф шуда, аз назари муҳтаво масъалаҳои чигунагии шеъру ҳунари шоира, таснифу табақабандии шеър аз назари моҳият,

тарзу баёни шоира дар шеър, санъатҳои бадеӣ, арӯз, қофия, накди адабӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегирад.

Аз омӯзиши рисолаи «Хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии эҷодиёти Меҳринисо» возеҳ мегардад, ки дар он баъзе масоили дастнохӯрда мавҷуд аст, ки таҳқиқи онҳо моҳиятан арзиши баланди илмию таълимӣ доранд. Бинобар ин пажӯҳишу таҳқиқи рисолаи Меҳринисо аз диди наву муосир саҳифаи тозае дар адабиётшиносии тоҷик хоҳад буд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб (иборат аз 12 фасл), хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ аз рисолаи мавриди назар масоили асосӣ ва аввалдараҷаи таҳқиқ, омӯзиши хусусиёти умдаи эҷодиёти Меҳринисо буда, омӯзиши мавзӯъҳои марказӣ дар эҷодиёти шоира, пажӯҳиши асоситарин воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори Меҳринисо ва ҳамчунин, баррасии хусусиёти сабкиву услубии эҷодиёти ин шоираи хушсалиқаи тоҷик вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.Дар иртибот барин хусусиятҳо дар таҳқиқот масъалаҳои зерин мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд:

- эҷодиётиМеҳринисоБобобековадарзаминаиашъори ӯ;
- мавзӯъҳои асосӣ ва марказии эҷодиёти Меҳринисо амсоли: мавзӯи Ватан ва меҳанпарастӣ ва ташвиқи сулҳу ваҳдат; тасвири зан-модар дар эҷодиёти Меҳринисо, афкори гуманистӣ ва инсонпарварона, мавзӯи ишқу муҳаббати самимӣ ва ҳамчунин, мавзӯъҳои дигари марказии эҷодиёти Меҳринисо;

– хусусиятҳои бадеии эҷодиёти Меҳринисо ва корбурди санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ дар ашъори вай (истиора, ташбеҳ, талмеҳ, ташхис, маҷозу киноя, ҳусни мақтаъ, таҷнис);

– сохтори истиораҳо дар шеъри Меҳринисо: истиораҳои сода ва мураккаб;

– хусусиятҳои истиороти ба корбурдаи Меҳринисо;

– вожаҳои калидӣ дар истиорасозии Меҳринисо;

– муносиботи мутақобила миёни мушаббаҳ ва ваҷҳи шабаҳ дар истиораҳои бакорбурдаи Меҳринисо;

– истифодаи вожаҳо ва ибораҳову таркибҳои нав дар эҷоди мазмун;

– хусусиятҳои услубиву маъноии вожаҳои нав дар ашъори Меҳринисо;

– нақши ибораву таркибҳои нав ва хусусиятҳои онҳо дар ашъори Меҳринисо;

– халқиёт ё бакоргирии вожаҳо, ибораҳо ва таркибҳои халқӣ;

– нақши танокуз ё парадокс дар ашъори Меҳринисо;

– калимабозӣ ё овардани вожаҳои шаклан мушобеҳу ҳамоҳанг дар ашъори Меҳринисо;

– муҷазбаёнӣ ва мухтасаргӯйӣ дар эҷодиёти Меҳринисо.

**Нововарии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, кидар рисола бори нахуст дар таърихи адабиётшиносии тоҷик оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Меҳринисо Бобобекова, хусусиятҳои ғоявӣ, мавзӯӣ-мундариҷавӣ, бадеӣ-эстетикӣ ва сабкӣ-услубии ашъори ӯ таҳқиқоти алоҳида ва фарогир бурда шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки то ҳанӯз дар адабиётшиносии муосири тоҷик эҷодиёти Меҳринисо ва паҳлуҳои гуногуни он аз ҷониби муҳаққикон мавриди таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Дар таҳқиқот бори нахуст оид ба мавзӯъҳои асосӣ ва марказии эҷодиёти шоира, вижагиҳои корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори ӯ, шакл ва навъҳои санъатҳои истифодашуда дар иртибот бар ҷиҳатҳои маъноиву сохтори онҳо, роҷеъ ба хусусиятҳои услубиву сабкии эҷодиёти Меҳринисо, аз ҷумла вижагии корбурди вожаҳо, таркибу ибораҳои нав, калимаҳо ва таркибу ибораҳои халқӣ, тарзи корбурди танокуз ё парадокс, калимабозӣ ё каламбур, муҷазбаёниву мухтасаргӯйӣ таҳқиқоти серпаҳлу анҷом дода шудааст. Масоили мавриди таҳқиқ қарор гирифта дар ҳама бобҳои рисола дар худ навгонӣ дошта, қаблан аз ҷониби муҳаққиқе мавриди таҳқиқоти вижа қарор нагирифтаанд. Саҳми муаллиф ҳам дар он муайян мегардад, ки дар адабиётшиносии муосири

тоҷик аввалин бор ба мавзӯи эҷодиёти Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзӯӣ, сабкӣ ва бадеии он дахл карда дар шакли як рисолаи диссертатсионӣ таҳқиқоти мукаммал сомон дода ба ҳимоя пешниҳод гардондааст.

**Арзиши назарии таҳқикот.**Таҳқиқи эҷодиёти Меҳринисо ва хусусиятҳои ғоявиву мавзӯӣ, бадеӣ-эстетикӣ ва сабкиву услубии он дар муайян кардани раванди шеъри муосири тоҷик, махсусан, дар даврони истиқлолият бетаъсир нахоҳад буд, зеро Меҳринисо натанҳо миёни шоираҳои тоҷик, умуман, тамоми шоирони ҳирфаии муосири тоҷик яке аз суханварони ҳунарманду боистеъдоди адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад. Истеъдоди шеърпардозии Меҳринисодар ҳама ҷанбаъҳои адабӣ: ҳам дар тасвиру тавсифи мавзӯъҳо ва мазомин, ҳам дар тарзи истифодаи моҳирона ва ба худ хоси санъатҳои бадеӣ ва ҳам дар сабку услуби дилнишин ва шоиста лоиқи таҳсин аст. Дар баъзе аз ин ҷанбаъҳо навовариву навпардозиҳои шоира ва саҳми хоси вай дар инкишофу тарвиҷи онҳо ба хубӣ эҳсос мешавад. Бинобарин, шиносоӣ бо эҷодиёти пурмуҳтаво ва гуногунмавзӯи Меҳринисо, ашъори аз ҳайси навъу жанр рангин, тарзи корбурди васоити мухталифи тасвири бадеӣ ва сабку услуби суханпардозии вай дар омӯзиши раванди шеъру адабиёт дар авохири аҳди шӯравӣ ва даврони истиқлолият барои қисмати назарияи адабиёт ва сабкшиносии адабиёти муосири тоҷик маводди тоза дода, кумаки қобили таваҷҷуҳе хоҳад кард.

**Арзиши амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур азбаски аввалин кори илмии алоҳида, мушаххас ва пурмуҳтаво дар мавзӯи эҷодиёти Меҳринисо аст, маводди онро метавон дар ҳама корҳои минбаъдае, ки иртибот бо назми авохири даврони шӯравӣ ва даврони истиқлолияти адабиёти тоҷик доранд, чун намунаи боэътимоди кори илмӣ истифода бурд. Бинобар ин, натиҷагириҳо ва хулосаҳои назарии таҳқиқотро ҷиҳати мураттаб сохтани китобҳои дарсиву таълимӣ, васоити гуногуни

таълимӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ва дигар навъҳои кори илмӣ-таълимӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Инчунин маводи диссертатсия дар таҳияи луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ, таълифи китобҳои дарсӣ оид ба таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, накди адабӣ, сабкшиносӣ, арӯзу қофия, ҳусни баён ва амсоли инҳо метавонад, мавриди истифодаи васеъ қарор гирад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ аз ҷумла 5 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсия намудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Ҳангоми баррасии диссертатсияи аспирант аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба ду ҷанбаи он ҳам чун ҷанбаи норасоӣ ишора шуд, ки яке ба мукаммалтар намудани дараҷаи омӯзиши мавзӯъва дигаре ба ҷо доштани ғалатҳои имлоиву китобат дахл доштанд. Бо дар назар дошти эътирофи ин норасоиҳо ва бартараф намудани онҳо аз тарафи муаллифи диссертатсия ҷаласаи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав диссертатсияи мазкурро чун кори илмии мукаммал ва анҷомёфта эътироф менамояд.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон «Хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии эҷодиёти Меҳринисо» ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон дармавзӯи«Хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии эҷодиёти Меҳринисо» барои дарёфти дараҷаи номзадӣаз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва кафедраи адабиёти тоҷики

Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул шудааст. Суратмаҷлиси №3, аз 3.09. 2020

Дар ҷаласа иштирок доштанд 11 нафар докторон ва номзадони илм. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 11 нафар, «муқобил» нест, «бетараф»нест, суратмаҷлиси №3, аз 03.09.2020.

Раискунанда: н.и.ф.,дотсент
декани факултети лингвистика
ва муоширати байнифарҳангии
Донишгоҳи давлатии Данғара Қодиров Д.С.

ИмзоиД.С. Қодировро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДД: Ҷаббори Н.Ҷ.

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.

________________________
«__»_____________ 2021

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори Меҳринисо»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар кафедраи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии Данғара ба анҷом расидааст.

**Усмониён Нозила Усмон** соли 2017 факултети забонҳои Донишгоҳи давлатии Данғараро аз рӯйи ихтисоси муаллими забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хатм карда, аз соли 2017 то 2020 ба ҳайси аспиранти донишгоҳи мазкур фаъолият намудааст.

Роҳбари илмии Нозила Усмониён доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Саидҷаъфаров Озод** мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 05.02.2019, суратмаҷлиси №7 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Усмониён Нозила Усмон 11 марти соли 2021 маълумотномаи супоридани имтиҳони номзадӣ додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Таърихи адабиёти нимаи дуюми садаи XX ва замони соҳибистиқлолии кишвар аз марҳалаҳои муҳимми адабиёти давраи нави тоҷик маҳсуб ёфта, дар ин давра дар ҳаёти иҷтимоӣ, доираҳои адабию фарҳангӣ ва шаклу анвои адабӣ таҳаввулоти чашмрас ба амал омадааст. Бо назардошти ин андешаҳо таҳқиқи ҳамаҷонибаи чунин дигаргуниҳоро яке аз вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносии замони Истиқлол маънидод намудан мумкин аст. Дар диссертатсияи унвонҷӯй Усмониён Нозила Усмон хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори Меҳринисо аз ҷумлаҳои масъалаҳои мубрами таҳқиқӣ арзёбӣ шудааст. Воқеан,

Меҳринисо аз оғози фаъолияти эҷодӣ то ба ин замон бо тарзу равиши хос ва мавзӯву мундариҷаи баргузида осори гаронбаҳое манзури хонандагон намуда, ба андешаи унвонҷӯй, мутаассифона, рӯзгор ва вижагиҳои ашъори ӯ мавриди таҳқиқи ҷудогонаи илмӣ қарор нагирифтааст. Воқеан, Меҳринисо яке аз суханварони ҳунарманди охири даврони шӯравӣ ва аҳди Истиқлолият маҳсуб меёбад, ки ба туфайли ашъори дилнишини хеш дар қатори дигар шоираҳои тоҷик, монанди Гулрухсор Сафиева, Фарзона, Шаҳрияи Аҳтамзод, Раънои Мубориз ва амсоли инҳо дар ғановатмандии ганҷинаи сухани манзуми даврони муосири тоҷик саҳми назаррас гузоштааст.

Меҳринисо муаллифи маҷмӯаҳои шеърӣ ва ҳамчунин, куллиёти ашъор буда, чи дар анвои шеъри суннативу анъанавӣ ва чи дар ашъори тарзи нав ба таври шоиста табъозмоӣ намудааст ва дар саҳнаи адабиёти муосири тоҷик фаъолияти назаррас нишон додааст. Бинобар ин, диссертатсияи мавриди назар, ки ба таҳқиқи ҳаёту фаъолияти эҷодиёти Меҳринисо, бахусус вижагиҳои мавзӯӣ, бадеӣ–эстетикӣ ва сабкиву услубии ашъори гуногунжанри шоир ихтисос гирифтааст, дар адабиётшиносии тоҷик арзиши махсус дошта, ин мавзӯи таҳқиқӣ муҳим ва тоза мебошад.

Ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори Меҳринисо, бахусус возеҳ намудани ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти давраи нави тоҷик ва таъйини мақоми ӯ дар рушди шеъри тоҷикии давраи нав мақсади аслии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи муаллифи он маҳсуб меёбад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо унвонҷӯй дар назди худ **чунин вазифаҳо** гузоштааст:

- баррасии рӯзгор ва осори Меҳринисо;
- таъйини мавзӯъҳои асосии эҷодиёти Меҳринисо;
- таҳқиқи хусусиятҳои бадеии эҷодиёти Меҳринисо дар мисоли санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ;
- таҳқиқи мухтассоти ҳунарии ашъори Меҳринисо;
- омӯзиши вижагиҳои ашъори Меҳринисо аз назари забон, тарзи баён ва тасвироти шоирона.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** маҷмӯаҳои

ашъори дар солҳои гуногун эҷодкардаи Меҳринисо, монанди «Замзамаи зебой», «Исми шаби ишқ», «Марде аз табори равшанӣ», «Меҳроби меҳр», «Меҳроби розам – модарам», «Оини Хуршед», «Шароби нур», маҷмӯаҳои дастҷамъӣ бо дигар шоираҳо амсоли «Нафаси субҳ», «Хӯшаи парвин» ва куллиёти охирини вай зери унвони «Оҳанги зиндагӣ», ҳамчунин, фарҳангномаҳо ва осори дигар адибон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ҳамчунин, диссертант дар ҷараёни баррасии мавзӯъ ва масъалаҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта аз асарҳои илмии шарқшиносону адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, китобҳои таърихи адабиёт, осори таҳқиқотии марбут ба шинохти шеър, китобҳои таълифшуда доир ба санъати сухан самаранок истифода кардааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** ин диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили С. Айнӣ, И.С. Брагинский, М.Баҳор, А. Мирзоев, Ю. Бобоев, Т. Зеҳнӣ, Н. Маъсумӣ, Б. Сирус, Р. Мусулмониён, М. Рейснер, А. Афсаҳзод, Р. Ҳодизода, А. Сайфуллоев, А. Абдуманнонов, Ю. Акбарзод, А. Сатторов, А. Насриддинов, М. Шукуров, Х. Асозода, Х. Шарифов, А. Ҳакимов, А. Давронов, Р. Ваҳҳобзода, М. Аҷамӣ, Ш. Кадканӣ, С. Шамисо, М. Иқболӣ, М. Ибодиён, А. Абдулҳодӣ ва дигарон роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни шеъру адабиёт ташкил медиҳад. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз методҳои анъанавии муқоисавию таърихӣ, нигоҳи муҳаққиқонаи оморӣ бар матолиби алоҳидаи асари бадеӣ ва ҳамчунин, таҳлили сохтории мавзӯи таҳқиқ истифода карда, ба таҷриба ва дастовардҳои илмию методии гурӯҳи муҳаққиқони зикршуда такя намудааст.

**Навоварии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мавриди назар нахустин таҳқиқоти адабиётшиносии мукаммал оид ба масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии эҷодиёти Меҳринисо буда, дар он ашъори ин суханвар аз нигоҳи арзишҳои миллӣ ва ҳунарию бадеӣ ба таҳқиқ гирифта шудааст. Мавзӯъҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта дар ҳама бобҳои диссертатсия дар худ навгонӣ дошта, қаблан аз ҷониби муҳаққиқони дигар мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтаанд.

Диссертатсияи номзадии Н. Усмониён аз чанд ҷониб аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариаш** дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар ин таҳқиқот фароҳамомада ва хулосаҳои он дар омӯхтани таърихи адабиёти давраи нави тоҷик, ҷараёни такомули назми солҳои 80-90 садаи XX ва замони соҳибистиқлолӣ, баррасии шеъри муосири тоҷик барои адабиётшиносон ва дигар мутахассисони адабиёту фарҳанги тоҷик метавонад ҳамчун маводи илмӣ ёрӣ расонад.

Маводи назарии дар диссертатсия фароҳамомада, пешниҳодҳои назарӣ ва хулосаҳои унвонҷӯй ҷанбаҳои назарии омӯзиши хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкию ҳунарии шеъри тоҷикиро дар адабиёти давраи навин тақвият бахшида, дар таъйини вижагиҳои ашъори Меҳринисо, шеърҳои адибони ҷудогона мусоидат карда метавонад.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионии Н. Усмониён дар он зоҳир меёбад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқикро ҳангоми таълифи мақола, диссертатсияҳои илмӣ оид ба масъалаҳои хусусиятҳои мавзӯӣ, сабкӣ ва ҳунарии ашъори шоирон, таълифи китобҳо перомуни таърихи адабиёти муосири тоҷик ва давраи Истиқлол, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ, суханрониҳо дар мактабҳои миёна ва олӣ истифода намудан мумкин аст.

Мундариҷаи асосии диссертатсияи Усмониён Н.У. дар 5 мақолаи дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1–М]. Бекназарова, Н.У. Ватандорӣ ва ишқи Ватан – яке аз мавзӯъҳои марказӣ дар эҷодиёти Меҳринисо (дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон) / Н.У. Бекназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – №2. – С. 239–142.

[2–М]. Бекназарова, Н.У. Истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалҳои Меҳринисо – дар мисоли истиора / Н.У. Бекназарова //

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– Душанбе: Сино, 2019. – №6. – С. 262–268.
[3–М]. Бекназарова, Н.У. Нашри ашъори Меҳринисо дар матбуоти тоҷик/ Н.У. Бекназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – №7. – С. 257–264.
[4–М]. Усмониён, Н.У. Ҷойгоҳи мавзӯи ишқу муҳаббат дар ашъори Меҳринисо / Н.У. Усмониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе: Сино, 2020. – №4. – С. 198–203.
[5–М]. Усмониён, Н.У. Нақши Зан–модар дар ашъори Меҳринисо / Н.У. Усмониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – №5. – С. 267–272.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Усмониён Нозила Усмонро** дар мавзӯи **«Хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии эҷодиёти Меҳринисо»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» –нест, «бетараф» – нест, қарори №12 аз 16.03. 2021.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва адабиёти**
**навини форсии тоҷикӣ** **Зайниддинзода М.**

**Котиби илмӣ, ассистент** **Бобомаллаев И.Ҷ.**

**Тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
**«30» __03__ соли 2021**